# ХУЛОСАИ

**роҳбари илмӣ, доктори илмҳои педагогӣ, профессор Маҷидова Бибихафиза ба диссертатсия ва автореферати Икромҷонзода Нозанин Икромҷон дар мавзуи "Ҳамкории муассисаи таҳсилоти томактабӣ бо оила дар баланд бардоштани фарҳанги педагогии волидон" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.2 .- Назария ва методикаи таълиму тарбияи томактабӣ (педагогикаи томактабӣ)**

Муассисаи таҳсилоти томактабӣ ҳамчун маркази кори таълиму тарбиявӣ ва ниҳоди иҷтимоии ҷомеаи муосир дар баланд бардоштани фарҳангии педагогии волидон, омода намудани кӯдакон ба зинаи таҳсилоти мактабӣ накши муҳим дорад.Фаъолияти онҳо дар асоси талаботҳои меъёрӣ-ҳукукӣ ва барномавӣ-методии соҳаи таҳсилоти томактабӣ муайян карда шудаанд. Амалӣ гардондан ва такмил додани фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ талаботи пешрафтаи ҷомеа буда, он дигаргуниҳои иҷтимои-сиёсӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва сиёсати давлатӣ алоқаманд мебошад.

Роҳу усул ва воситаҳои баланд бардоштани фарҳанги педагогии волидони тарбиятгирандагони муассисаи таҳсилоти томактабӣ ҳамчун масъалаи илмӣ-таҳқиқотӣ аз тарафи унвонҷӯ Икромҷонзода Нозанин Икром интихоб гардидааст. Маърифати педагогии волидон амали муҳими солимии равонию ҷисмонӣ, ташаккулёбии шахсияти бунёдкору ояндасози ҷомеаи муосир, болоравии вазъи иҷтимоӣ, фарҳангии кишвар мегардад. Инчунин ин амал имконият медиҳад волидон доир ба раванди кори таълиму тарбиявӣ дар муассисаҳои томактабӣ донишу маълумотҳои худро қонеъ гардонанд, дар як вақт ҳамкориҳои самарабахши инкишофдиҳандаи шахсияти фарзандашонро дар зинаҳои минбаъдаи таҳсилоти мактабӣ дар муҳити оила таъмин намоянд. Бояд ба ҳисоб гирифт, ки вобаста ба пешрафти ҷомеъа, навгониҳои илмӣ, техникӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, фарҳангии ҷомеа талабот ба сатҳу сифати таълиму тарбияи оилавӣ зиёд мегарданд. Кулли ҳамкориҳои

самараноки таълиму тарбиявии муассисаҳои таҳсилотӣ ва падару модарон имкониятҳои навро дар иҷтимоишавии фарзандон таъмин менамояд.

Муҳаққиқ Икромзода Н.И. дараҷаи коркарди илмии мавзуи таҳқиқотиро дар заминаи таҳлилу баррасии мероси адабӣ-педагогии мутафаккирони тоҷику форс, ватанию хориҷӣ таҳлил намуда ихтилофотҳои дар ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти томактабиро, ки бартараф сохтани онҳо яке аз омилҳои самарабахши таълиму тарбияи кӯдакони синни томактабиро таъмин менамояд, мавриди таҳқиқу арзёбӣ қарор додааст.

Дастгоҳи илмии кори таҳқиқотӣ ҳамаи масъалахои мутаалиқ ба сохтори илмии кори диссертатсиониро фаро гирифтаанд. Асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқот ба обйект, мавзуъ, фарзия мувофиқ буда, дар он назарияҳои илмии педагогӣ, низомҳо ва технологияҳои таҳсилотӣ, консепсияҳои илмии психологӣ, сотсиологӣ ва ҳамкориҳо, ки дар таҳқиқотҳои илмӣ оид ба ҳамкории омӯзгор ва волидон мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор гирифтаанд, мавриди омӯзиш ва баррасӣ интихоб шудаанд.

Нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳод намудаи муҳаққиқ мантиқан тадбиқи худро дар матни кори диссертатсионӣ амалӣ гардонда шудаанд. Кори диссертатсионии мазкур аз се боб иборат буда, онҳо давоми мантиқии якдигар мебошанд. Ҳамаи бобҳо аз зербоб ва хулосаи бобҳо иборат буда, дар таҳқиқоти озмоиши 200 нафар кудакони синни томактабӣ ва волидони онҳо аз муассисаҳои таҳсилоти томактабии ноҳияҳои Ш.Шоҳин, Темурмалик ва ш.Кулоб, инчунин 38 нафар сарварон ва 36 нафар мураббияҳоро фаро гирифта шудаанд. Бояд таъкид кард, ки ҳангоми кор бо волидон ба фаъолияти модарони ҷавон, ки зиёдтар ба ҳамкорӣ бо муассисаҳои томактабӣ дар таълиму тарбияи фарзандон ниёз доранд, таваҷҷуҳи махсус дода шуд. Дар ташкилу баргузорондани чорабиниҳо насли калонсоли ҷомеъа-бибиҳо, собиқ кормандони соҳибтаҷриба, омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ донишҷӯёни таҷрибаомӯз ва кулли шахсони хоҳишманд иштирок намуданд.

Натиҷагирӣ аз кори озмоишӣ-таҷрибавӣ баъди коркарди оморӣ дар ҷадвалу диаграммаҳо ҷойгир гардидаанд. Дар асоси қисми назариявӣ ва

корҳои озмоишӣ-таҷрибавӣ хулосаҳо ва тавсиҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот аз тарафи муҳаққиқ коркард ва пешниҳод шаданд.

Дар раванди кори таҳқиқотӣ Икромҷонзода Нозанин Икромҷон қобилияти илмӣ-эҷодӣ ва донишу маҳорати илмӣ-таҳқиқотӣ ва илмӣ-педагогии худро зоҳир намуда ба дастовардҳои назаррас ноил гардид. Ҳамчун омӯзгори соҳибмаълумоту донишҳои илмии педагогӣ, ташкилотчӣ, фарҳанги педагогӣ, одобу рафтори намунавӣ дар байни ҳамкорону донишомӯзон сазовори эҳтиром ва обрую нуфузи арзишманд шинохта шудааст. Дар давоми иҷрои корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ дар конференсияву ҳамоишҳои илмӣ мунтазам бо маърузаю гузоришҳо баромад намуда, мақолаҳои мутаалиқ ба кори илми-таҳқиқотиро таҳия ва нашр намуд.

Кори илмӣ-таҳқиқотии Икромҷонзода Нозанин Икромҷон дар мавзуи “Ҳамкории муассисаи таҳсилоти томактабӣ бо оила дар баланд бардоштани фарҳанги педагогии волидон” кори диссетртатсионии баанҷомрасида буда, ба талаботҳои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.06.2023, №-295 оид ба додани дараҷаҳои илмӣ ҷавобгӯй буда, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.2.- Назария ва методикаи таълиму тарбияи томактабӣ (педагогикои томактабӣ) мувофиқат менамояд ва барои ҳимоя тавсия карда мешавад.

**Роҳбари илмӣ, доктори илмҳои педагогӣ,**
**профессори кафедраи педагогикаи махсус**
**ва таҳсилоти фарогири Донишгоҳи давлатии**
**омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Б.Маҷидова**

**Имзои профессор Б.Маҷидоваро тасдиқ мекунам**
**Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси**
**ДДОТ ба номи С.Айнӣ С.Қодирзода**

**Телефон: 93-850-88-77**
**E.mail:bmajidova@mail.com**
**03.02.2026 с.**